# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ -шаҳри Душанбе-2025, 172 с.**

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи “**Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**” бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пурра мутобиқат менамояд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба он равона шудааст, ки дар баробари рушду нумуи самтҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ дар забоншиносии тоҷик низ самтҳои нави таҳқиқу таҳлили забонии равандҳои гуногуни забон мавриди коркарду татбиқ қарор мегиранд. Дар ин миён, таҳқиқу пажуҳиши муқоисавии қисматҳои наҳви забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ яке аз самтҳои тоза ва мубраму муҳим арзёбӣ мегардад.

Вобаста ба ин, таҳқиқи муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ яке аз шохаҳои мубрам ва арзишманди забоншиносии муосири тоҷик дониста мешавад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Навгонии таҳқиқоти мазкур дар он дида мешавад, ки дар диссертатсияи мазкур бори аввал масъалаи таҳқиқу омӯзиш ва таҳлилу муқоисаи хусусиятҳои дастурии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷаи забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ, инчунин, паҳлуҳои мукаммал матраҳнагардидаи навъҳои мазкури ҷумлаҳои пайрав дар забони тоҷикӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Таҳлилу таҳқиқи муқоисавӣ, роҳу воситаҳои таҳлили ҷумлаҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлилу тасниф шудааст. Инчунин, диссертант тавонистааст, ки дар заминаи сарчашмаҳои асосии пажуҳиш ва омӯзиши минбаъда дар ин самт нақше дошта бошад, ки як самти тозаву нотакрор дар забоншиносии тоҷик муаррифӣ мегардад. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи

таҳқиқот, ҷамъи ақидаю натиҷаҳои пажуҳиши диссертантро оид ба ҷамъбасти диссертатсия ишғол намуда, дар чор боби зерин асоснок карда шудааст, ки ҷолиби диққат аст:

1. Ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа ҳамчун навъҳои махсус ва серистеъмоли ҷумлаи пайрав.
2. Ошкор сохтани хусусиятҳои сохториву маънои ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа.
3. Воситаҳои грамматикӣ, аз ҷумла, пайвандакҳо, калимаҳои ҳамнисбат, интонатсия ва мутобиқати замон ва шаклҳои сиғаи феълӣ дар ҷумлаҳои пайрави сабаб дар забонҳои муқоисашаванда.
4. Ҷумлаҳои пайрави натиҷа дар низоми ҷумлаҳои мураккаби тобеъ танҳо тавассути пайвандаки “ки” ва гунаи англисии он “that” ва интонатсия ба сарҷумла тобеъ мешавад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки** арзиши назариявии таҳқиқ, ки натиҷаҳои илмии он имконоти назариявии олимони забоншиносро дар самти наҳви забони тоҷикӣ тақвият медиҳад ва дар раванди омӯзиши хусусиятҳои забонии он ба ҳайси манбаъ ва заминаи илмӣ хизмат хоҳанд намуд. Маводди рисолаи илмӣ дар заминаи таҳлил ва таҳқиқи ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ метавонад ҳангоми коркарди масъалаҳои мубрами грамматикӣ дар заминаи таҳқиқи муқоисавӣ истифода гардад. Дар диссертатсия маводди иловагӣ барои баррасии бархе аз масъалаҳои наҳви забонҳои мавриди таҳқиқ ба таври муқоисавӣ пешниҳод шудааст, ки метавонад ҳамчун сарчашмаҳои асосии пажуҳиш ва омӯзиши минбаъда дар ин самт нақше дошта бошад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар ҳаллу фасли баъзе бахшҳои назариявии наҳвшиносӣ, махсусан, доир ба омӯзиши масъалаҳои мухталифи марбут ба шохаҳои забоншиносӣ, аз ҷумла, забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ ва услубшиносӣ истифода гардад. Нуқтаҳои асосӣ ва амалии таҳқиқ метавонад ҳангоми пажуҳишҳои муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар, ҳангоми таҳия ва навиштани дастурҳои таълимӣ барои факултаҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирад.

## Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия

Диссертасия аз муқаддима, 3 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, 172 саҳифаи чопии компютериро дар бар мегирад.

Боби аввали таҳқиқоти диссертатсионӣ **“Асосҳои назариявии омӯзиши ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** ном гирифта, аз 4 фасл таркиб ёфтааст. Мундариҷаи зерфаслҳоро асосҳои назариявӣ, навъ ва вижагихои асосҳои назариявии омӯзиши ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикиву англисӣ дар бар гирифта, дараҷаи корбурди онҳо бештар аз асарҳои тарҷумашудаи бадеии “Ҷейн Эйр”– и нависандаи англис Шарлота Бронте, “Ёддоштҳо” – и устод Садриддин Айнӣ, “Пирамард ва баҳр” – и Эрнест Ҳемингвей мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Доир ба сарчашмаҳои пайдоиши ҷумлаҳои пайрави ҳол, аз ҷумла, сабабу натиҷа дар забонҳои қиёсшаванда маълумот пешниҳод гардидааст. Дар забоншиносии қисмати наҳви забонҳои тоҷикиву англисӣ ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, яке аз мавзуъҳое мебошад, ки то ба охир ва ба таври мукаммал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор нагирифтааст. Диссертант барои ноил гаштан ба ҳадаф, ба асарҳои илмию назариявии олимони забоншиноси машҳури ватаниву хориҷӣ такя кардааст, ки инҳо: Д. Т. Тоҷиев, Ш. Рустамов, Д. Хоҷаев, Ш. Кабиров, Ф. Зикриёев, С. Атобуллоев, Ҳ. Ҳусейнов, И.Л. Каушанская, К.Н. Качалова, Р.Л. Ковнер, В.Н. Жигадло, И.П. Иванова ва ғайраҳо мебошанд. Ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аз лиҳози сохту маъно ва вазифаҳои наҳвӣ гурӯҳи мустақил ва мутташакили ҷумлаҳои пайравро ташкил дода, дар дохили онҳо раванди воситаҳои алоқаи тобеъ, вижагиҳои умумӣ ва фарққунандаи онҳо ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Муайян намудааст, ки ҷумлаи пайрави сабаб сабаби содир гардидани амалу ҳолати сарҷумларо дар шаклҳои гуногун ифода менамояд ва ҷумлаи пайрави натиҷа бошад, натиҷа ва оқибати амали сарҷумларо нишон дода, ба сарҷумла тавассути пайвандаки **“ки”** ва гунаи англисии он пайвандакҳои **“that, so that, which”** тобеъ гардида, ҳамеша онҳо пас аз сарҷумла ҷойгир мешаванд. Хабарҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайрави натиҷа бештар дар як замон воқеъ гардида, ҷумлаи пайрави натиҷа ҳамеша бо пайвандаки “**ки**” ба сарҷумла тобеъ мегардад ва амалеро ифода мекунад, ки онҳо пайиҳам иҷро мешаванд. Зимни зерфаслҳои ин боб маълум гардид, ки диссертант бо назардошти маводди илмӣ, илмӣ – методӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқ тавонистааст, ки то ба андозае масъалаҳои гузошташударо баррасӣ намояд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ “**Воситаҳои грамматикии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**” номгузорӣ шуда, аз 4 фасл ва 2 зерфасл иборат аст.

Дар ин боб масъалаҳои баррасишавандаи мавқеи хусусияти услубӣ, лексикӣ-грамматикӣ, қонуниятҳои мутобиқати воҳидҳои забонӣ дар раванди таҳлил ва тарҷумаи ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷаи тоҷикиву англисӣ, саҳми муҳимми пайвандакҳо, калимаҳои ҳамнисбату интонатсия маълумот дода шудааст, ки дар доираи зерфаслҳои алоҳида мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор гирифтааст.

Диссертант нақш ва мақоми пайвандакҳоро барои ифодаи амалу ҳолати сарҷумла бо ҷумлаҳои пайрав дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дуруст арзёбӣ намудааст. Инчунин, таҳқиқ намудааст, ки барои ба ҳам алоқаманд намудани сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, нақши пайвандакҳо дар забонҳои тоҷикиву англисӣ хеле муҳим ва назаррас буда, мавқеи ҷумлаҳои пайравро асосан тавассути пайвандакҳо муайян месозанд. Пайвандакҳо дар таркиби ҷумлаҳои пайрав на танҳо муносибати тобеиро мефаҳмонанд, балки тобишҳои гуногуни маъноии онҳоро низ ифода менамоянд. Диссертант ба ақидаи олимони ватаниву хориҷӣ ҳамақида буда, қайд намудааст,ки:

Пайвандакҳои **зеро ки, зеро, азбаски, чунки, модоме ки** ва гунаи англисии онҳо **because, since, for, as** дар нутқи гуфтугӯйӣ ва хаттӣ фаровон истифода мешаванд.

Пайвандакҳои **барои ин(он) ки, бо сабаби ин(он) ки, бинобар ин(он) ки, аз он ҷо ки, чун** ва гунаи англисии онҳо **on the ground that, for the reason that** ва **so that** дар нутқи гуфтугӯйӣ каммаҳсултар мебошанд.

Пайвандакҳои **чунки, зеро, зеро ки, чаро ки** пайвандакҳои ҷумлаи пайрави сабаб мебошанд.

Пайвандаки **модом ки ва гунаи англисии он since** ҳамеша пеш аз сарҷумла меояд.

Ҳамин тавр, диссертант дар доираи чор зерфасл хулосаҳои хешро оид ба заминаҳо ва сарчашмаҳои пайдоиши ҷумлаҳои пайрав дар илми забоншиносӣ, таҳвилҳои наҳвӣ ва тарҷумавӣ пешниҳод кардааст, ки ҷолиби диққат аст. Диссертант оид ба калимаҳои ҳамнисбат ва интонатсия чунин муайян намудааст, ки дар қисмати наҳви забонҳои тоҷикиву англисӣ калимаҳои ҳамнисбат яке аз воситаҳои муҳимми алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ба ҳисоб рафта, ба вазифаи наҳвии аъзоҳои сарҷумла истифода шаванд ҳам, маънои умумӣ ва нопурра доранд. Маънои мушаххаси калимаҳои ҳамнисбатро ҷумлаи пайрав муайян сохта, бевосита ба калимаҳои ҳамнисбат алоқаманд мешаванд ва баъдан ба воситаи онҳо сарҷумларо шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Ҷумлаҳои пайрави сабабе, ки бар

эзоҳи калимаҳои нисбӣ меоянд, дар сарҷумла чун ҳоли сабаб воқеъ мегарданд, аммо ҷумлаҳои пайрави натиҷа калимаҳои ҳамнисбат надоранд.

Диссертант, инчунин, аз ақидаҳои олимони тоҷику англис истифода намуда, чунин пажуҳиш гузаронидааст, ки: интонатсия – оҳанги гуфтор дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандак ҳамчун воситаи муҳимми грамматикӣ дар ташаккули ҷумлаҳои пайрави ҳол, аз ҷумла, ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мақоми арзишманд дорад. Мисол: "I had heard no order given: I was puzzled". Дар муодили ҷумла ба забони тоҷикӣ баръакс пайвандаки сабабии **бинобар ин** истифода шудааст: "Ман ҳеҷ фармоне нашунидам, бинобар ин ҳайратзада шудам". Диссертант оид ба пайвандаки "ки" аз асарҳои тарҷумашудаи нависандагони хориҷиву ватанӣ мисолҳо оварда, онҳоро таҳлил намудааст.

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ "**Семантикаи ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**" номгузорӣ шуда, аз 6 фасл ва 4 зерфасл иборат аст.

Дар ин боб ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа алоқаи мураккабтарини байни ҳодисаву воқеаҳоро дар забонҳои муқоисашаванда ифода намуда, қисмҳои таркибии онҳо дар заминаи мураккабтарини мантиқии сабаб, мақсад, миқдору дараҷа, тарзи амал, монандӣ, замон, натиҷа, шарт пажуҳиш шудааст.

Унвонҷӯ барои татбиқи ҳадафи мушаххасгардида, вазифаҳои муҳимми илмиро аз қабили таҳлили шарҳи назариявии адабиёти илмии мансуб ба мавзуи пажуҳиш, ба низом даровардани сарчашмаҳои мушаххас, нишон додани ҷумлаҳои ба ҳам монанд ва фарққунанда дар мавриди таҳлили ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа ва хулосаву пешниҳодҳои мушаххас, ки аз натиҷаи таҳқиқ ба даст омадаанд, пешниҳод намудааст. Диссертант дар ин замина мавқеи пайвандакҳои тобеъкунанда, вожаҳои ҳамнисбат, интонатсия ва мутобиқати замон ва шаклҳои сиғаи феълиро дар ташаккули ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа муайян намудааст. Хулосаҳои илмию назариявии муҳаққиқ барои рушди минбаъдаи таҳқиқи муқоисавии ҷумлаҳои мураккаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва хусусиятҳои ҷумлаҳои мураккаб ҳамчун заминаи назариявӣ хизмат намуда, натиҷаҳои таҳқиқ дар ҳаллу фасли масоили забонӣ мусоидат хоҳанд кард.

**Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои илмии бадастомада дар қисмати наҳви илми забоншиносии муқоисавӣ метавонад мусоидат намояд. Натиҷаҳои таҳқиқот зимни таҳия ва хондани курсҳои назариявию амалӣ доир ба наҳвшиносӣ, тадриси курсҳои махсус

барои донишҷӯён, магистранҳо, докторантҳо (PhD) ва мутахассисони соҳаи наҳв ҷиҳати навиштани корҳои илмӣ оид ба тарҷумашиносӣ ва забоншиносӣ, инчунин, таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ метавонанд истифода шаванд.

Диссертант оид ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф намудааст, ки онҳо мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос карда метавонанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот**

Сохтор, мундариҷа, услуб, ороиш, ҳаҷми диссертатсия ба меъёрҳои муайяншудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Автореферати диссертатсия фарогири мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ буда, ба талаботи “Тартиб додани дараҷаи илмӣ”(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва “Дастурамал оид барасмиятдарории диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (фармоиши КОА назди Президенти ҶТ аз 27.12.2024, № 493)” ҷавобгӯ мебошад.

Дар радифи дастовардҳои илмии бадастомада, ба андешаи мо, дар диссертатсия норасоиҳои зерин ба мушоҳида мерасанд:

1. Дар боби аввали диссертатсия муҳаққиқ зимни нишон додани асосҳои назариявии таҳқиқот ба муҳаққиқони маъруфи ватаниву хориҷӣ ишора менамояд, аммо дар қисматҳои минбаъдаи пажуҳиш аз ақидаҳои ин гурӯҳи муҳаққиқон камтар истифода менамояд.
2. Хуб мешуд, ки дар матни диссертатсия ва автореферат тавассути таҳқиқи оморӣ маводди амалии рисола дар шакли диаграммаҳо пешниҳод мегардид.
3. Хуб мешуд, агар муаллифи рисола имкони боз ҳам пурмуҳтаво ва мушаххас кардани хулосаҳоро нишон медод, кор ранги дигар мегирифт.
4. Агар аз тарафи муҳаққиқ дар қисмати русии автореферат тарҷумаи ҷумлаҳои мисол овардашуда бо забони русӣ навишта мешуданд, қиммати илмии кор боз ҳам беҳтар мешуд.
5. Дар матни диссертатсия ва автореферат дар саҳифаҳои(5,9,16,24...) баъзе хатогиҳои имлоӣ, аломатгузорӣ ва техникӣ, ба чашм расиданд, ки ислоҳи инҳо сифати корро беҳтар мегардонад.

Эродҳои дарҷгардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши баланди илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонад.

Дар умум, муаллиф мақсаду вазифаҳои гузошташударо пурра иҷро намуда, дар ин самт натиҷаҳои муайянеро барои дифоъ пешниҳод кардааст.

**Ҳамин тавр,** таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар мавзуи "**Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ** " барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо рамзи тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D. КОА - 036 аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ кори мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ анҷомдодашуда ба шумор рафта, дорои навгонӣ ва арзиши илмию амалӣ буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-уми Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, № 267 ва тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он Орзузода Парвина Ҷамолидин сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20- Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи
филологияи тоҷик ва
забонҳои хориҷии "ДДФСТ
ба номи Мирзо Турсунзода" Раҳмонова Дилрабо Искандаровна

**Суроға:** 734036 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н.Фирдавсӣ,
кӯчаи Нарзибеков 22
dilraborahmonova@gmail.com
тел: (+992) 982-22-02-44

Имзои Раҳмонова Д.И.-ро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода" Нуридинзода Фариддун Баҳридин

**Суроға:** 734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, Борбад 73А
E-mail:tajartins@yandex/com
Веб-сайт:www/ddst.tj
тел: 231 18 27

«02» 09. 2025